# Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ҚАРОР

### Дар хусуси лоиҳаи Ёддошти тафоҳум байни муассисаи давлатии "Маркази миллии патенту иттилоот"-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти федералӣ оид ба моликияти зеҳнии Вазорати рушди иқтисоди Федератсияи Россия (Роспатент) оид ба дастрасӣ ба низоми иттилоотӣ-ҷустуҷӯии ҷустуҷӯи патентии PatSearch

Мутобиқи моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Лоиҳаи Ёддошти тафоҳум байни муассисаи давлатии "Маркази миллии патенту иттилоот"-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти федералӣ оид ба моликияти зеҳнии Вазорати рушди иқтисоди Федератсияи Россия (Роспатент) оид ба дастрасӣ ба низоми иттилоотӣ-ҷустуҷӯии ҷустуҷӯи патентии PatSearch маъқул дониста шавад.

2. Директори муассисаи давлатии "Маркази миллии патенту иттилоот"-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Ёддошти тафоҳуми мазкурро ба имзо расонад ва ҳангоми зарурат ба матни лоиҳа тағйиру иловаҳои хусусияти муҳимнадоштаро ворид намояд.

3. Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи тартиби муқарраргардида бо ҷониби Россия сана ва маҳалли ба имзо расонидани Ёддошти тафоҳуми мазкурро мувофиқа намояд.

Раиси

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

аз 9 июли соли 2019 № 349

ш.Душанбе

Лоиҳа

### Ёддошти тафоҳум байни муассисаи давлатии "Маркази миллии патенту иттилоот"-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти федералӣ оид ба моликияти зеҳнии Вазорати рушди иқтисоди Федератсияи Россия (Роспатент) оид ба дастрасӣ ба низоми иттилоотӣ-ҷустуҷӯии ҷустуҷӯи патентии PatSearch

Муассисаи давлатии "Маркази миллии патенту иттилоот"-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон (ММПИ) ва Хадамоти федералӣ оид ба моликияти зеҳнии Вазорати рушди иқтисоди Федератсияи Россия (Роспатент), ки минбаъд Тарафҳо номида мешаванд, дар ин хусус ба мувофиқа омаданд.

1. Мақсади Ёддошти тафоҳуми мазкур аз муайянсозии тартиби ҳамкории Тарафҳо ҳангоми пешниҳоди дастрасии низоми иттилоотӣ-ҷустуҷӯии ҷустуҷӯи патентии PatSearch

(минбаъд - низоми PatSearch) ба ММПИ аз ҷониби Роспатент мебошад.

2. Ҳамкории Тарафҳо мутобиқи қонунгузории давлатҳои Тарафҳо амалӣ карда мешавад.

3. Тарафҳо махфияти иттилооти дар доираи Ёддошти тафоҳуми мазкур мубодилашавандаро таъмин намуда, онро танҳо бо мақсадҳои хизматии ғайритиҷоратӣ барои таъмини фаъолияти асосии худ истифода мебаранд.

4. Ҳамкории иттилоотии Тарафҳо дар доираи амалисозии Ёддошти тафоҳуми мазкур дар асоси ройгон бо риояи талаботи қонунгузории давлатҳои Тарафҳо оид ба ҳифзи иттилоот анҷом дода мешавад.

Роспатент ба ММПИ дастрасии фосилавиро ба воситаи шабакаи Интернет ба низоми PatSearch, ки маълумот оид ба ихтироот ва моделҳои судманди Россия (ИҶШС), кишварҳои ИДМ, Гурҷистон, Идораи

патентии Авруосиё, инчунин маҷмӯъҳои иттилоотӣҷустуҷӯии идораҳои патентии пешрафтаи ҷаҳониро дар бар мегирад, пешниҳод менамояд.

6. Номгӯи маҷмӯъҳои иттилоотӣ-ҷустуҷӯии ба ММПИ пешниҳодшаванда бо замима ба Ёддошти тафоҳуми мазкур муайян карда мешавад.

7. Дастрасӣ ба низоми РаЙеагсЬ бо имконияти мустақилона гузаронидани ҷустуҷӯҳои иттилоотии касбӣ пешниҳод карда мешавад.

Инчунин ба воситаи низоми PatSearch дастраси ба махзанҳои маълумоти берунии махсусгардонидашуда пешниҳод карда мешавад.

8. Роспатент метавонад яктарафа номгӯи маҷмӯъҳои иттилоотӣҷустуҷӯии дар замима ба Ёддошти тафоҳуми мазкур овардашударо вобаста ба тағйирот дар созишномаҳои иҷозатномавии муассисаи федералии буҷетии "Институти федералии моликияти саноатӣ" (минбаъд

- ИФМС) бо тарафҳои сеюм ва ҳангоми илова гардидани маҷмӯи нави иттилоотӣ-ҷустуҷӯӣ ба низом тағйир диҳад. Роспатент дар давоми 5 (панҷ) рӯзи корӣ аз рӯзи тағйирёбии номгӯи дахлдор оид ба чунин тағйирот ММПИ-ро огоҳ мекунад.

Роспатент имконияти дастрасӣ ба низоми PatSearch-ро барои 4 (чор) ҷои кории автоматикунонидашудаи ММПИ медиҳад.

10. Роспатент дастарасии шабонарӯзиро ба низоми PatSearch, ба истиснои вақте, ки барои гузаронидани корҳои профилактикӣ зарур аст, пешниҳод менамояд.

11. Роспатент ба истифодабарандагони бақайдгирифташудаи ММПИ машварат медиҳад. Машваратҳо ҳангоми муроҷиат тариқи суроғаи почтаи электронии helpdesk@rupto.ru дода мешаванд.

Роспатент омӯзиши коршиносони ММПИ-ро оид ба курси асосии кор дар низоми PatSearch ба роҳ мемонад.

Номи истифодабарандагон ва рамзҳо барои дастрасӣ ба низоми PatSearch ба тарафҳои сеюм дода намешаванд. Дар акси ҳол Роспатент барои истифодаи ғайриқонунии рамзҳои дастрасии ММПИ аз ҷониби шахсони дигар ҷавобгар нест.

12. ММПИ иҷрои талабот ба техникаи ҳисоббарор ва воситаҳои барномавӣ барои ҷойҳои кории автоматикунонидашудаи мизоҷонро таъмин менамояд.

Роспатент ба ММПИ на камтар аз як маротиба дар як сол маълумоти омориро оид ба истифодабарии низоми PatSearch пешниҳод менамояд.

16. Воҳидҳои сохтории Тарафҳо оид ба амалисозии Ёддошти тафоҳуми мазкур инҳоянд:

аз ҷониби Роспатент: шуъбаи лоиҳакашӣ ва коркарди низомҳои бунёдии иттилоотии ИФМС, тел./факс +7 (499) 240-32-13;

аз ҷониби ММПИ: бахши технологияҳои иттилоотии МД ММПИ, тел. (+992 37) 251-01-02, факс (+992 37) 222-21-38.

17. Ёддошти тафоҳуми мазкур аз санаи ба имзо расиданаш дар давоми муҳлати номуайян мавриди амал қарор мегирад.

18. Ёддошти тафоҳуми мазкур амали худро пас аз гузаштани се моҳ аз санаи аз ҷониби яке аз Тарафҳо бо роҳҳои дипломатӣ гирифтани огоҳиномаи хаттии Тарафи дигар оид ба нияти қатъ намудани амали он қатъ менамояд.

19. Бо розигии мутақобилаи Тарафҳо ба Ёддошти тафоҳуми мазкур метавонанд тағйиру иловаҳо ворид карда шаванд. Ғайр аз ҳолатҳои пешбининамудаи банди 8 Ёддошти тафоҳуми мазкур, чунин тағйиру иловаҳо бо протоколҳои алоҳида бо нишон додани санаи оғози татбиқи онҳо ба расмият даровaрда мешаванд.

20. Ҳама гуна баҳсу ихтилофоти байни Тарафҳо дар раванди амалисозии Ёддошти тафоҳуми мазкур бо роҳи гузаронидани машварату гуфтушунидҳо ҳал карда мешаванд.

Дар шаҳри __________ "___"______ соли 2019 дар ду нусхаи аслӣ бо забонҳои русӣ ва тоҷикӣ ба имзо расонида шуда, матнҳо эътибори якхелаи ҳуқуқӣ доранд.

**Аз ҷониби муассисаи давлатии "Маркази миллии патенту иттилоот"-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон (ММПИ)**

**Аз ҷониби Хадамоти федералӣ оид ба моликияти зеҳнии Вазорати рушди иқтисоди Федератсияи Россия**

Замима

# МАҶМУЪҲОИ ИТТИЛООТИ ПАТЕНТИИ НИЗОМИ ИТТИЛООТӢ-ҶУСТУҶӮИИ ҶУСТУҶӮИ ПАТЕНТИИ PATSEARCH

1. Россия ва давлатҳои ИДМ, Гурҷистон ва Идораи патентии Авруосиё

1.1. Россия то соли 1994

1.2. Россия аз соли 1994

1.3. Ҳуҷҷатҳои патентии давлатҳои ИДМ, Гурҷистон ва Идораи патентии Авруосиё

1.3.1. Арманистон

1.3.2. Беларус

1.3.3. Идораи патентии Авруосиё

1.3.4. Гурҷистон

1.3.5. Қирғизистон

1.3.6. Қазоқистон

1.3.7. Украина

1.3.8. Ӯзбекистон

1.3.9. Молдова

1.3.10. Тоҷикистон

2. Давлатҳои РСТ-и камтарин

2.1. ARIPO

2.2. OAP1

2.3. Австралия

2.4. Австрия

2.5. Британияи Кабир

2.6. Германия

2.7. Идораи патентии Аврупо

2.8. Аризаҳои РСТ

2.9. Канада

2.10. Корея

2.11. ИМА

2.12. Франсия

2.13. Швейтсария

2.14. Япония

2.15. Чин